**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Азизова Зарина Шавкатовна дар мавзуи “Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии “Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D.КОА-036 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат мекунад.

**Аҳаммияти амалии тадқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки мутахассисони соҳаи ҳам фразеология ва ҳам грамматика онро чун дастури таълимӣ истифода бурда метавонанд. Инчунин, мавод, хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсия метавонанд, ҳангоми хондани курсҳои лексионӣ доир ба типологияи муқоисавии забонҳо, фразеология ва грамматика, инчунин натиҷаҳои тадқиқот дар ихтисосҳои равияи забоншиносӣ ҳангоми тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо (PhD) ҷиҳати навиштани корҳои хатми тахассусӣ, ҳамчунин, таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ истифода шаванд.

Автореферати ба тақриз пешниҳодшуда ба омӯзиш ва таҳқиқи зарбулмасалу мақолҳо дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ имрӯз дар забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ бахшида шудааст, ки дар замони кунунӣ бисёр муҳим, мубрам ва зарурӣ мебошад. Чунин таҳқиқот заминаи боэътимоди назариявӣ ва амалиро барои пажуҳишҳои минбаъдаи сохтори грамматикии зарбулмасалу мақолҳоро фароҳам месозад.

Дар автореферати диссертатсия таҳлили хусусиятҳои зарбулмасалу мақолҳо ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ нишон дода шуда, мавқеи махсусро ишғол намудани онҳо ва инчунин дар забон дорои вазифаҳои муҳимми илмӣ доштани зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои муқоисашаванда

махсус қайд гардидааст. Инчунин, гурӯҳҳои семантикии исм, сифат, зарф ва замонҳои асосии феълии дар зарбулмасалу мақолҳо истифодашуда муайян гардидаанд.

Асосҳои назариявию методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо такя бо осори муҳақиқони ватаню хориҷӣ, аз қабили М. Фозилов, Ҳ.М. Маҷидов, Я.И. Калонтаров, Б.К. Тилавов, М.Н. Азимова, М.М. Раҷабова, А.В. Кунин, Г.Л. Пермяков, В.И. Дал, В.В. Виноградов, Е.Н. Платонова, Р.А. Майтиева, В.П. Аникина, А.Тейлор ва дигарон иҷро шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки дар он бори аввал таҳлили муқоисавии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҷиҳати сохтори грамматикӣ-морфологӣ ва синтаксисӣ пурра гузаронида шуда, хусусиятҳои фарққунанда ва шабеҳи онҳо нишон дода шудаанд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки зарбулмасалу мақолҳо ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ мавқеи махсусро ишғол намуда, онҳо дар забон дорои вазифаҳои муҳимми илмӣ мебошанд.

Хулоса ва тавсияҳое, ки дар рисола оварда шудаанд, бо методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси лингвистӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявии таҳқиқот такя мекунанд.

Автореферати диссертатсияи Азизова Зарина Шавкатовна бо забони баланди илмӣ таҳия гардидааст ва пурра мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамояд. Бо вуҷуди комёбиҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо имконпазиранд:

1. Дар қисмати асосҳои назариявию методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ олимони ватаниву хориҷӣ номбар шудаанд, вале олимони тоҷик кам ба назар мерасанд.
2. Дар автореферат, агар диссертант маводи ҷамъовардаашро дар шакли диаграмма ё гистограмма нишон медод, кор ранги дигар мегирифт.
3. Автореферати диссертатсия аз хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ орӣ нест;

Мавриди зикр аст, ки камбудиҳои мазкур характери тавсиявӣ дошта, мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии кори диссертатсиониро коста намекунанд

ва дар сурати ислоҳи онҳо қимати кор боз ҳам хубтар хоҳад шуд. Автореферати дисертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, ба талабот ҷавобгӯй аст.

Маколаҳои илмӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки Азизова Зарина Шавкатовна олими ояндасози тоҷик шуда метавонад.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи **Азизова Зарина Шавкатовна дар мавзуи “Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** ба талаботи бандхои 31-33 - и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа аз рӯи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарриз: доктори илмҳои филологӣ, профессори
Кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ Саидзода Ҳалим Азиз
Донишгоҳи милли Тоҷикистон

Имзои профессор Саидзода Ҳалим Азизро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17,
E-mail:saidovhalim@mail.ru
Тел: (+992 37) 2216225;
Тел. моб: (+992) 935552254. 02.01.2024